**ТАҚРИЗИ**

**муқаррizi холис ба диссертатсияи** Мирсабуров Шавкатҷон Мираҳматович **дар мавзӯи “Флора ва экологияи обсабзҳои сабзи (Chlorophyta) ҳавзаҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 – ботаника**

Рисолаи диссертатсиони Мирсабуров Ш.М., ки ба обсабзҳои сабз (Chlorophyta)-и ҳавзаҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон бахшида шудааст, то оғози кори илмии унвонҷӯй аз ҷиҳати таркиби таснифотӣ, хусусиятҳои экологӣ ва паҳншавии географӣ ба таври мукаммал мавриди омӯзиш қарор нагирифта будааст. Бинобар ин, омӯзиши таркиби флораи обсабзҳои Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон, тағйирёбии мавсимӣ, инкишоф, паҳншавӣ ва муайян кардани ҳолати экологии обанборҳо ва дарёҳо бо ёрии обсабзҳои индикаторӣ, ҳамчунин муайян намудани накши онҳо дар системаи ғизогирии моҳиён аҳамияти махсуси илмиву амалӣ дорад.

Унвонҷӯй дар рисола аввалин маротиба обсабзҳои сабз (Chlorophyta)-и обҳавзаҳои Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон омӯхта, гуногунии биологӣ, таркиб ва сохтори алгофлораи онҳо пешниҳод кардааст. Инчунин, рӯйхати умумии обсабзҳои сабзи Тоҷикистони Шимолро тартиб дода, 195 намуд ва зернамудро муайян кардааст, ки аз ин шумора 31 намуд ва зернамудашон бори аввал дар ҳудуди Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон ва 12 намуд ва 6 зернамуд ҳамчун бозёфтҳои нави флоравӣ барои Тоҷикистон ба қайд гирифтааст.

Диссертант аввалин маротиба таҳлили муқоисавии обсабзҳои сабзи Тоҷикистони Шимолӣ гузаронида, 53 намуди обсабзҳои индикаторӣ, ки бо тарзи биологӣ (биоиндикатсия) муайян кардани ҳолати санитарии обҳои Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон аҳамияти илмӣ доранд, муайян карда аст.

Дар таҳқиқотҳои солҳои 2013-2020 унвонҷӯй маълум кардааст, ки паҳншавии обсабзҳои сабз дар обҳавзаҳои гуногуни минтақаи таҳқиқотӣ нобаробар буда, гуногунамудии зиёд ба обанбори Баҳри тоҷик (138 намуд ва зернамуд) ва нисбатан камтар барои обанборҳои Даҳанасой ва Каттасой (66 намуд ва зернамуд) хос мебошад. Алгофлораи дарёҳо бошад аз ҷиҳати гуногуннамудии обсабзҳо хело кам ба қайд гирифта шудааст, ки нишондиҳандаи пасттаринро дарёи Исфара (29 намуд ва зернамуд) нишон додааст.

Диссертант пешниҳод мекунад, ки дар обҳои минтақаҳои гуногуни Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон зиёда аз 77 намуд обсабзҳои сапробӣ дарёфт шуда, аз онҳо 17 намуд ба α-о – альфа-олигосапробионт, 24 намуд ба β-α – бета-альфамезосапробионт, 2 намуд о-х – олиго-ксеносапробионт ва 34 намуд ба β – бетамезосапробионт мутааликанд. Дар обҳавзаҳои наздикӯҳӣ ва кӯҳӣ қисми зиёди нишондиҳандаҳои шаффофии об олигосапроб ва ксеносапроб буда, намудҳои полисапробӣ ба қайд гирифта нашудаанд. Аз рӯйи нишондиҳандаҳои намудҳои индикатории муайян кардааст, ки обҳои дарёҳои Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон ба дараҷаи II ва III сифати об мансуб мебошанд.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 9 маводи илмӣ, аз он ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расида, дар конфренсияҳо ва симпозиумҳои гуногун муҳокима гардидааст.

Дар маҷмӯъ диссертатсияи номзадии Мирсабуров Шавкатҷон Мираҳматович дар мавзӯи “Флора ва экологияи обсабзҳои сабзи (Chlorophyta) ҳавзаҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон” дар сатҳи зарурии илмӣ иҷро гардида, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва банди 8 низомномаи «Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвонҳо илмӣ» мувофиқ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01. – ботаника барои дифоъ тавсия карда мешавад.

Муовини декани факултети биология
оид ба илм ва инноватсияи
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ,
номзади илмҳои биологӣ, дотсент
(03.02.01 - ботаника) Қурбонов Абдуллоҷон Рузимадович

734003, ш. Душанбе, хиёбони Рудаки 121,
Тел.: + (992) 93 461 22 23;
E-mail: pangaz0203@bk.ru

Имзои Қурбонов А.Р.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.